**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

1.Таҳқиқоти диссертатсионии Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки асосҳои назариявӣ-илмии механизмҳои ташкили иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ, вазифаҳои асосӣ ва фишангҳои иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ ҳолат ва тамоюли рушди комплекси агросаноатӣ, заминаҳои институтсионалии рушди комплекси агросаноатӣ хусусият ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии танзими он ва рушди соҳаҳои комплекси агросаноатиро фарогир буда, мубрамияти таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки рисолаи илмӣ сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, пешниҳод ва таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Дастовардҳои назариявӣ ва таҳлилии муаллиф арзиши баланди илмӣ доранд. Бандҳои навгониҳои илмӣ, моҳияти таҳқиқотро кушода, дар худ нерӯи зиёди илмӣ ва амалию методологӣ дошта, арзиши баланди кори мазкурро тасдиқ менамоянд. Қобили зикр аст, ки натиҷаҳои муҳими назариявию методологии дар диссертатсия мавҷудбуда, таклифу хулосаҳо, равишҳои асосие, ки дар рафти таҳияи рисола омода шудаанд ба мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими рушди комплекси агросаноатӣ дар асоси ҷоннок намудани дастгирии давлатӣ, ҷалби сармоя барои рушди соҳа, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва истифодаи усулҳои муосири иқтисодии соҳа бо дарназардошти беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, баландбардории самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди босуръати иҷтимоӣ-иқтисодӣ нигаронида шудаанд.

Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисодиёт метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ инъикос гардидаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодшуда фарогири масъалаҳои мубрами механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад.

Сохтори диссертатсия ба талаботҳои мавҷуда пурра мувофиқ мебошад ва он дорои навгонии илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 фармоиши №14/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 4,6 ч.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Назарзода А.С. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Назарзода А.С. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардида, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхисӣ мутобиқи бандҳои 62 ва 63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва аъзоёни Шуро пешниҳод намуданд, ки диссертатсияи Назарзода

Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ- иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба Шурои диссертасионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони мазкур таъйин карда шаванд:

**Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат -** доктори илмҳои иқтисодӣ, раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Файзуллаева Каромат Наврусовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

3. **Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи** диссертатсия Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. **С**анаи ҳимоя 5-уми июли соли 2023, соати 09.00 муайян карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Қудратов Р.Р.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Насиров Р.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Шарофов У.

17-уми апрели соли 2023